# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 26.08.2026, №14

Барои сазовор донистани Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ.

Диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайниддин дар мавзуи «Махсусияти мундариҷавӣ ва жанрии гӯшаи «Анбӯр»-и нашрияи Ҳақиқати Ленинобод (Ҳақиқати Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2026, №83/шд) аз 16-уми июни соли 2026, протоколи №6 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин 29-уми июни соли 1989 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин соли 2012 факултети филологияи тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"-ро бо ихтисоси омӯзгор-рӯзноманигор хатм намудааст.

Аз соли 2016 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи муассисаи мазкур ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул гардидааст. Аз соли 2020 то инҷониб ба ҳайси нозири маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ дар факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси ҳамин муассиса фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи факултети филологияи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи факултети филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Самадова Дилбар Ҳасановна.**

**Муқарризони расмӣ**: **Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии факултети филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» ва **Маъмурзода Носирҷони Маъмур** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, сармуҳаррири рӯзномаи «Хатлон» ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»** дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – мудири кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Галимова Моҳинур, эксперт – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи мазкур Муъминҷонов Зулфиддин, котиби илмии ҷаласа – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ, муаллими калони кафедра Мулоева Нишона имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, дотсент Назарзода Маҳмуд Мирзо тасдиқ шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин дар мавзуи «Махсусияти мундариҷавӣ ва жанрии гӯшаи «Анбӯр»-и нашрияи Ҳақиқати Ленинобод («Ҳақиқати Суғд»)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи рӯзноманигорӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок мекунанд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф намудаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 3 мақола (1 мақола бо ҳаммуаллифии роҳбари илмӣ) дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқи мавзуъ собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Самадова, Д.Ҳ. Воқеият ва тахайюл дар ҳаҷви публитсистӣ [Матн] / Д.Ҳ. Самадова, М.З. Мавлянова // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2021. – №4 (69). – С. 117-121.

[2-М]. Мавлянова, М.З. Нақши гӯшаи «Анбӯр» дар таҷассуми камбудиҳои ҷомеа [Матн] / М.З. Мавлянова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ. Силсилаи илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Душанбе, 2024. – №3 (36). – С. 264-269.

[3-М]. Мавлянова, М.З. Ҷойгоҳи воқеият ва тахайюл дар гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр»-и рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» [Матн] / М.З. Мавлянова // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2024. – №2 (36). – С. 150-154.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[4-М]. Мавлянова, М.З. Роль газеты «Хакикати Сугд» в развитии литературных связей. Инновационные подходы в современной науке [Текст] / М.З. Мавлянова // Сборник статей по материалам CLXXXIV международной научно-практической конференции. – М., 2025. – №4 (184). – С. 149-154.

[5-М]. Мавлянова, М.З. Нақши Қ. Баҳлулзода дар рушди ҳаҷви публитсистӣ [Матн] / М.З. Мавлянова // Журналистаи минтақавӣ дар шароити рушди технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ. Маводди конфренсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи матбуот. – Душанбе, 2021. – С. 183-188.

[6-М]. Мавлянова, М.З. Заминаҳои пайдоиши ҳаҷв дар матбуоти тоҷик [Матн] / М.З. Мавлянова // Масъалаҳои матбуоти маҳаллии ҳавзаи Суғд дар шароити ҷаҳонишавӣ (Маҷмуаи мақолаҳо). – Хуҷанд: Ношир 2019. – С. 130-135.

[7-М]. Мавлянова, М.З. Гӯшаи «Анбӯр» ва нақши он дар рушди анвои ҳаҷвӣ» [Матн] / М.З. Мавлянова // Масъалаҳои мубрами журналистикаи муосир (силсилаи дуюм). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2021. – С. 171-179.

[8-М]. Мавлянова, М.З. Бозтоби падидаҳои номатлуб ба ашъори ҳаҷвӣ [Матн] / М.З. Мавлянова // Масъалаҳои мубрами журналистикаи муосир (силсилаи сеюм). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2022. – С. 118-124.

**Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессори факултаи гуманитарию педагогии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон **Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода** мусбат буда, дар он пешниҳоду эродҳои зерин манзур шудаанд:

1. Дар мавзуъ ва предмети таҳқиқ хусусиятҳои шакливу ороишӣ ва дизайни матолиб зикр гардиданд, аммо дар фишурдаи бобҳо ба масъалаи истифодаи карикатураҳо, иллюстратсияҳо ва ҷойгиршавии графикии гӯшаи «Анбӯр» дар саҳифаҳои рӯзнома таҷрибаи кофӣ ва таҳлили амиқи визуалӣ дида намешавад.

2. Дар фасли таҳлили жанрӣ сарҳадбандии байни жанрҳо баъзан хира мегардад: муаллиф дар таҳлили жанрҳои публитсистикаи ҳаҷвӣ (масалан, миёни фелетон ва памфлет ё луқма) бештар ба тарафи мундариҷавии мавод эътибор дода, хусусиятҳои сохторию композитсионии онҳоро камтар баррасӣ кардааст. Инчунин, тавре худи муалллиф дар хулосаҳо ишора мекунад, аз сабаби он ки бештари мавод аз ҷониби хонандагони ғайрикасбӣ навишта шудаанд, муайян кардани жанри дақиқи онҳо мушкил аст, вале ба ҳар ҳол, пешниҳод намудани меъёрҳои аниқтари жанрӣ аз ҷониби довталаб мувофиқи мақсад мебуд.

3. Дар матни автореферат бархе ҷумлаҳои дароз ва пурпеч дида мешаванд, ки балоғати баёни илмиро коҳиш медиҳанд. Инчунин, дар чанд саҳифа хатоҳои техникӣ ва истифодаи нодурусти аломатҳои китобат (вергул ва тире) ба назар мерасад.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, сармуҳаррири маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон» **Нурализода Ноилшоҳ Имомалӣ** низ мусбат буда дар он чунин эродҳо оварда шудааст:

1. Дар баъзе қисматҳои автореферат, махсусан, ҳангоми баррасии заминаҳои пайдоиши ҳаҷви матбуотӣ ва таърихи «Ҳақиқати Ленинобод», ҷанбаи тавсифию таърихнигорӣ нисбат ба таҳлили масъала бартарӣ пайдо кардааст. Хуб мебуд, ки муаллиф маълумоти таърихиро мухтасар намуда, бештар ба робитаи бевоситаи он бо мавзуи асосӣ – махсусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрии «Анбӯр» таваҷҷуҳ мекард.

2. Дар саҳифаи 6-и автореферат зикр мешавад, ки гӯшаи «Анбӯр» «аз солҳои 50-уми асри гузашта инҷониб нашр мешавад», дар ҳоле ки дар қисмати асосии таҳқиқ санаи мушаххаси нахустин нашри он – 11 августи соли 1955 оварда шудааст. Аз нигоҳи дақиқияти илмӣ, хуб мебуд, ки ҳангоми муаррифии таърихи гӯша аз ибтидо ҳамин санаи мушаххас истифода мешуд. Ҳамчунин,

дар баъзе мавридҳо «Анбӯр» ҳамчун «гӯша», дар ҷойҳои дигар ҳамчун «саҳифаи ҳаҷвӣ» муаррифӣ мешавад. Мушаххас намудани мақоми сохтории он ва риояи ягонагии истилоҳӣ ба манфиати кор мебуд.

3. Дар матни автореферат баъзе ғалатҳои имлоию техникӣ ба назар мерасанд. Ҳамчунин, шаклҳои «Анбур» ва «Анбӯр», «вижагӣ» ва «вежагӣ» ба назар мерасанд.

**3. Дар тақризи** номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи журналистика ва иттилооти рақамии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Сайфитдинова Гулчеҳра Азимовна** дастовардҳои довталаб ва аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ таъкид гардида, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

1. Дар баъзе мавридҳо хулосаҳои муаллиф хусусияти умумӣ доранд. Махсусан, андешаҳо оид ба вазифаи тарбиявӣ ва иҷтимоии ҳаҷв дар чанд маврид бо мазмуни наздик такрор шудаанд. Агар ин натиҷагириҳо бештар бо далелҳои мушаххас ва муқоисаи матолиби гуногун асоснок мегардиданд, арзиши таҳлилӣ боз ҳам меафзуд.

2. Масъалаи таснифи жанрҳои ҳаҷвӣ дар автореферат ба таври умумӣ матраҳ гардидааст. Азбаски муаллиф худ ба мушкилоти муайян намудани жанри баъзе навиштаҳо ишора мекунад, хуб мебуд, ки меъёрҳои жанрии фелетон, памфлет, луқма, эпиграмма ва нақиза равшантар нишон дода шуда, намунаҳои мушаххас бо ҳам муқоиса карда мешуданд.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе заъфу нуқсонҳои автореферати диссертатсия аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии онро таъкид карда, муаллифро ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– диссертант Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии самти рӯзноманигорӣ ба пажуҳиши ҳаҷв дар матбуоти маҳаллӣ пардохта, ҷойгоҳи онро дар нашрияи музофотии «Ҳақиқати Ленинобод» (ҳоло «Ҳақиқати Суғд») **муайян карда,** кори илмии муҳим ва арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
– заминаҳои таъсиргузори пайдоиш ва рушди гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» **омӯхта шуда,** омилҳои асосии ташаккули он **муайян карда шудааст;**
– хусусиятҳои маводди гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» мушаххас нишон дода шуда, таъсири он ба афкори ҷомеа аз дидгоҳи нав **таҳқиқу баррасӣ гардидааст;**

- хусусиятҳои мундариҷавии маводди ҳаҷвии нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» (ҳоло «Ҳақиқати Суғд») дар алоқамандӣ бо воқеиятҳои сиёсию иҷтимоии давр **таҳқиқ шуда**, дар ҳамин замина маводди дар солҳои гуногун бачопрасида аз рӯйи мавзуъ **тасниф ва дастабандӣ гардидааст**;
- рангорангии жанрии маводди гӯшаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» дар такя ба назарияҳои мавҷуда мавриди **баррасӣ қарор гирифта,** дараҷаи корбурди жанрҳои ҳаҷвӣ-публитсистӣ дар ҳадди зарурӣ **муайян карда шудааст;**
- таносуби бадеият ва воқеият дар маводди гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» дар заминаи қиёс ба таҳқиқ кашида шуда, мавқеи публитсистикаи ҳаҷвӣ дар нашрияи мазкур **муайян карда шудааст.**

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки диссертатсия то андозае донишҳои назариявиро дар самти публитсистикаи ҳаҷвӣ тақвият бахшида, дар баррасӣ ва арзиш додан ба рангорангии маводди матбуоти маҳаллӣ мусоидат карда метавонад. Ҷустуҷӯҳои назариявӣ ва амалии анҷомшуда имкон медиҳад, то дониш ва фаҳмишҳои назариявӣ доир ба моҳияти ҳаҷв, хосса ҳаҷви публитсистӣ, жанр ва анвои он васеъ ва роҳу василаҳои илмиву эҷодии ифшои камбудиву норасоиҳои ҷомеа, танқиду мазаммати онҳо дар асарҳои гуногуни ҳаҷвӣ муайян гардад. Натиҷаҳои пажуҳиш метавонад зимни таълифи таърихи журналистикаи тоҷик, жанрҳои публитсистика, таҳияи маводди таълимӣ, дастурҳои назариявию амалӣ, ҳангоми хондани курсҳои махсус дар факултету кафедраҳои рӯзноманигории макотиби олии Тоҷикистон ба таври васеъ истифода шавад.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ ва таҳқиқи масъалаҳои ҷудогона таҷриба ва дастовардҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла, И. Усмонов, А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, П. Гулмуродзода, А. Азимов, М. Муродӣ, М. Абдуллозода, Ш. Муллоев, Б. Қутбиддинов, И. Гусарева, М. Касумов, Д.П. Николаев, Е. Покусева, Я.Е. Элсберг, А. Тертичний ва дигарон ҳамчун маводди назарӣ **омӯхта ва истифода шудаанд.**

Дар диссертатсия вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас аз **усулҳои** бархурди маҷмуӣ ва низомнок, методҳои муқоисавӣ, таҳлилӣ, таърихӣ ва контентӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки ин таҳқиқи илмӣ ва маводди ҷамъовардашуда метавонад ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ, таълиму тадриси курсу семинарҳои доир ба

таърихи журналистикаи тоҷик, асосҳои фаъолияти эҷоди журналистӣ, жанрҳои ҷурналистика ва публитсистикаи ҳаҷвӣ мавриди истифода қарор гиранд. Маводди таҳқиқ ҳамчун асосу замина имкони коркарди назарияи минбаъдаи мавзуъ, муаррифии ҳаҷвнависони варзидаи матбуоти тоҷик ва роҳу усулҳои таҳлилу баррасии маводди ҳаҷвӣ дар матбуот хизмат карда метавонад. Маводди амалӣ ва хулосаҳои асосии рисоларо зимни таълими таърихи журналистикаи матбуоти тоҷик, курсҳои махсус ва семинарҳо истифода бурдан имкон дорад.

**Ғояи** диссертатсия дар асоси омӯзиш ва истифодаи афкори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ва дар заминаи таҳлилу баррасии маводди ҳаҷвии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон дар мисоли нашрияи «Ҳақиқати Суғд» дар солҳои 50-уми асри XX ва дараҷаи истифодаи имконоти жанрҳои публитсистию бадеӣ дар инъикоси мушкилоти ҷомеа асоснок карда шудааст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд,** ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарияи журналистикаи ватанию хориҷӣ истифода шудааст. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз мушаххас будани мавзуъ, дақиқии маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводди таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти усулҳои таҳқиқ бармеоянд. Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар асоси таҳлили илмию назарии мавзуъ пешниҳод шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар муддати 10 сол ба ҷамъовариву таҳлили маводди илмӣ, омӯзиши осори назариявӣ, таснифу таҳлили маводди гирдовардашуда ва таълифи кори илмӣ машғул гардида, дар ин самт мақолаҳо таълиф намудааст. Диссертант дар ҷараёни таҳқиқ, таълифи мақолаҳои илмӣ ва диссертатсия мустақилият дошта, зимни баррасии масоили меҳварии бобу фаслҳои кори таҳқиқӣ аз роҳбари илмӣ машваратҳо гирифтааст. Диссертант бо истифода аз равишҳои илмӣ дар интихобу баррасии мавод, таҳқиқи масъалаҳои марбут ба ҳаҷви публитсистӣ, муайян намудани вижагиҳоии ҳаҷв дар матбуот, ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳодҳои мушаххас барои беҳбуд бахшидани рубрикаву гӯшаҳои ҳаҷвӣ дар матбуоти муосир, фароҳам овардани замина барои таҳқиқоти баъдӣ ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 26-уми августи соли 2026 дар бораи сазовор донистани Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шуро (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2026, №83/шд) 10 нафар, аз ҷумла 4 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ иштирок доштанд.

Аз 10 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Ҳошимзода Б.Ҳ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Зоириён Б.Ш.

26.08.2026